**ТАСДИҚ МЕКУНАМ**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**_______ профессор Насриддинзода Э.С.**
**«____» марти соли 2026**

## НАҚШАИ

**чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 оид ба татбиқи «Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар солҳои 2026-2030»**

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунанда | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ба воҳидҳои сохтории Донишгоҳ дастрас намудани нусхаи Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 оид ба татбиқи «Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар солҳои 2026-2030» | Моҳи марти соли 2026 | Шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо | |
| 2. | Таъмини китобхонаи илмии Донишгоҳ бо адабиёти тозанашр ва шабакаи интернет | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, Институти илмию таҳқиқотӣ ва садорати факултетҳо | |
| 3. | Вусъат додани таҳқиқоти илмӣ доир ба масъалаҳои марбут ба экстремизм ва терроризм, дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ инъикос кардани хулоса ва таклифу пешниҳодҳо аз натиҷаи таҳқиқот, ба субъектҳои бевосита ба экстремизм ва терроризм муқовиматкунанда ҷиҳати арзёбӣ ва додани хулоса оид ба судмандӣ барои амалия пешниҳод кардани матни лоиҳаи рисолаҳо | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4. | Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддию техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ дар Донишгоҳ | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ва муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт | |
| 5. | Баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон ва устодон оид ба саводи расонаӣ, амнияти рақамӣ ва ҳассосияти гендерӣ, ворид намудани модулҳои дахлдор ба барномаҳои факултетҳои дорои ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳ ва садорати факултетҳои дорои ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ | |
| 6. | Таъмини иштироки омӯзгорону кормандон дар раванди таҳия ва амалӣ намудани Маҷмуаи таълимию методӣ оид ба пешгирии экстремизм барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ки маводи мутобиқсозишударо барои мактабҳо, коллеҷҳо, донишкадаҳо ва донишгоҳҳо бо дарназардошти ҷанбаи гендерӣ дар бар мегирад | 2027-2030 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва садорати факултетҳо | |
| 7. | Ҷорӣ намудани фанҳои интихобии «Пешгирии экстремизм», «Муколамаи байнифарҳангӣ», «Гендер ва амният» дар Донишгоҳ | 2027-2030 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, раёсати таълим ва садорати факултетҳо | |
| 8. | Таъсиси маркази таҳқиқотӣ ва таълимӣ оид ба пешгирии экстремизм дар назди Донишгоҳ | 2026-2028 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, факултети ҳуқуқшиносӣ ва фалсафа | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9. | Ҷалби муҳаққиқон ва устодон-омӯзгорони ватанӣ ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ дар лоиҳаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ доир ба пешгирии экстремизм | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, факултети ҳуқуқшиносӣ, факултети фалсафа, факултети муносибатҳои байналмилалӣ | |
| 10. | Баргузор намудани озмунҳои «Мақолаи беҳтарин» ва «Беҳтарин видеонавор» доир ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва терроризм дар байни наврасону ҷавонон ва ҳавасманд гардонидани онҳо | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | |
| 11. | Қатъона пайгирӣ ва назорат намудани риояи қонун ва ҳуқуку манфиатҳои хонандагону донишҷӯён дар мавриди қабул ва хориҷ намудан аз Донишгоҳ, сифати таълим, шаффофияти имтиҳонҳо, ситонидани маблағҳои пулӣ ва ғайра дар Донишгоҳ | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт, шуъбаи ҳуқуқ, садорати факултети журналистика ва тамоми воҳидҳои сохтории дигар | |
| 12. | Таъмини риояи бемайлони қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, садорати факултетҳо, Литсейи назди Донишгоҳ | |
| 13. | Мавриди таваҷҷӯҳи хосса қарор додани ноболиғон аз оилаҳои осебпазир, аз таҳсил дурмонда, давомоту дониши сустдошта, ба кору фаъолияти муайяни фоиданок ҷалбнашуда, оворагард, ба қонунвайронкунӣ моил ва беназорату бепарастормонда, андешидани чораҳо ҷиҳати ба таҳсил ҷалб намудан ва бо чораҳои солимгардонӣ фаро гирифтани онҳо | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, раёсати таълим, шуъбаи тарбия, садорати факултетҳо ва Литсейи назди Донишгоҳ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14. | Иҷрои Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2011, №643 тасдиқ шудааст, инчунин таъмини фаъолияти муътадили сомонаҳои расмии Донишгоҳ, ба ин восита беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба иттилоот ва хизматрасониҳои давлатӣ | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ | |
| 15. | Бо ҷалби олимон ва сиёсатшиносон мунтазам баргузор намудани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги сиёсии аҳолӣ, огоҳии шаҳрвандон аз равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир, дарки дурусти рӯйдодҳо, шарҳи моҳияти низоъҳои минтақавию байналмилалӣ, тамоюлҳои экстремизм ва терроризм, тарғиби таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмии мазҳабӣ | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултетҳои фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва журналистика, Институти илмию таҳқиқотӣ ва воҳидҳои сохтории дигар | |
| 16. | Ташхис, арзёбӣ ва такмили барномаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба масъалаҳои диншиносӣ аз нигоҳи кифояти онҳо барои ташаккули ҳаддалимкон мукаммал, ки тавонанд наврасону ҷавононро аз фирефташавӣ ба ташвиқоти экстремистӣ эмин доранд | 2026-2027 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, раёсати таълим ва садорати факултети фалсафа | |
| 17. | Баргузор намудани чораҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути барномаҳои телевизионӣ ва суҳбату вохӯриҳо бо донишҷӯён ҷиҳати фаҳмонидани оқибатҳои ногувори таълимоти ғайриқонунии динӣ, аз ҷумла ифротишавӣ ва гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои тундрав бо овардани намунаҳои ин зуҳурот | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, садорати факултетҳо, Литсейи назди Донишгоҳ | |
| 18. | Пахши мунтазами хабару гузоришҳо оид ба ҷараёни чорабиниҳои профилактикӣ, мақолаҳо, видеороликҳои кӯтоҳ оид ба хавф ва пешомадҳои ногувори экстремизм, панду насиҳати бузургон, шеъру шиорҳои ватандӯстона ва ғайра дар сомонаҳои расмии Донишгоҳ | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ, садорати факултетҳо ва тамоми воҳидҳои сохтории дигар | |
| 19. | Роҳандозӣ намудани барномаҳои таълимии муфассал барои Донишгоҳ дар мавзӯи «Истифодаи бехатари воситаҳои пардохтӣ» | 2026-2030 | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, раёсати таълим, садорати факултетҳо ва Литсейи назди Донишгоҳ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 20. | Қотеона пайгирӣ намудани талаботи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар бораи зиёд намудани ҳиссаи занон дар хизмати давлатӣ ва вазифаҳои роҳбарикунанда | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва садорати факултетҳо | |
| 21. | Вусъат додани тадбирҳо доир ба баланд бардоштани саводнокии занону духтарон ва омӯзонидани таърихи сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва садорати факултетҳо | |
| 22. | Таҳияи тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» | 2028 | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ | |
| 23. | Натиҷагирӣ ва пешниҳод намудани ҳисобот дар бораи амалисозии бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 оид ба татбиқи «Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар солҳои 2026-2030» ба раёсати Донишгоҳ | Ҳар шамоҳа | Воҳидҳои сохторӣ ва шахсони масъул | |

| | |
|---|---|
| Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим | Раҷабзода Ф.К. |
| Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия | Сафармамадзода С.М. |
| Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Маҷидзода Д.М. |
| Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ | Ғаффорзода И.Ғ. |
| Сардори шуъбаи ҳуқуқ | Шерзода Б.С. |